Ба Шурои диссертатсионии 6D.KOA-63-и назди Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон (734055, ш.Душанбе, хиёбони Борбад, 48/5)

ТАҚРИЗ

ба автореферати диссертатсияи доктории Субҳонзода Икром Субҳон дар мавзуи «Самтҳои афзалиятноки рушди соҳибкории истеҳсолӣ дар иқтисоди муосири Тоҷикистон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси: 5.2. – Иқтисодиёт (5.2.13 – Иқтисодиёти соҳибкорӣ) пешниҳод шудааст

Дар ҷомеаи пешрафта дар ҳама замон соҳибкорӣ ҳамчун бахши калидӣ ва асосии пешрафти иқтисодиёти ин ё он давлат маҳсуб ёфта, ба рушду пешрафти он аҳаммияти аввалиндараҷа медиҳанд. Зеро беҳуда қайд нашудааст, ки дар рушди иқтисоди миллӣ бахши соҳибкории истеҳсолӣ ва инноватсионӣ ҳамчун яке аз омилҳои муҳимми таъмини рушди устувори иқтисодӣ, ташкили ҷойҳои нави корӣ, афзоиши ҳаҷми истеҳсолот, баланд бардоштани рақобатпазирии маҳсулоти ватанӣ ва таҳкими иқтидори нави иқтисодии кишвар имконпазир мегардад. Барои Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар назди худ ҳадафҳои рушди иқтисодиёти саноатӣ, диверсификатсияи истеҳсолот, истифодаи самараноки захираҳои дохилӣ ва баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳолиро гузоштааст, рушди соҳибкории истеҳсолӣ аҳаммияти махсусро дар татбиқи ҳамаи ин масъалаҳо пайдо мекунад.

Бояд иброз намуд, ки рушди соҳибкории истеҳсолӣ дар шароити имрӯзаи хоҷагидорӣ ба тағйироти сохторӣ дар иқтисоди миллӣ ва талаботи нави бозорӣ марбут буда, дар он аз тарафи муаллиф равишҳои нави рушд муайяну пешниҳод шудаанд. Бо ҳамин мақсад фаъолияти соҳибкорӣ дар самти тақвияти тиҷорату хизматрасонӣ ба самти истеҳсоли молу маҳсулоти рақобатпазир дар Тоҷикстон имрӯз ҳиссаи бахши соҳибкорӣ дар муқоиса ба дигар соҳаҳо бештар ба назар мерасад. Бояд иброз намуд, ки дар Тоҷикстон барои ташаккули корхонаҳои нави истеҳсолӣ, васеъ намудани иқтидори корхонаҳои амалкунанда, ҷорӣ намудани технологияҳои муосир, истифодаи самараноки ашёи хоми маҳаллӣ ва коркарди амиқи он, боназардошти додани имконият ва имтиёз ба бахши соҳибкорӣ аз ҳама роҳи муҳим ва самарнок дар Тоҷикстон мебошад.

Бинобар ин, дар шароити муосир бахши соҳибкории истеҳсолӣ ҳамчун муҳаррики пешаранда метавонад дар таъсиси ҷойҳои нави корӣ, коҳиш додани сатҳи бекорӣ, афзоиши даромади аҳолӣ ва васеъ

намудани манбаи андоз нақши назаррас бозида афзалиятҳои рушди он мавриди пайгирӣ қарор гиранд.

Дар шароити имрӯзаи хоҷагидорӣ бояд гуфт, ки масъалаи сиёсати саноатикунонии босуръати кишвар аҳаммияти бештарро бо ҳамбастагии соҳаи соҳибкории хурду миёна пайдо намудааст. Бинобар ин, соҳибкории истеҳсолӣ метавонад ҳамчун механизми асосии рушди иқтисодӣ ва пайвасткунандаи сармояи хусусӣ, захираҳои меҳнатӣ, технология, ашёи хом ва талаботи бозор маҳсуб ёбад. Бо ҳамин мақсад барои ҷалби сармоягузории хусусӣ ба соҳаҳои истеҳсолӣ имконияти зиёд намудани ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти ватанӣ, кам намудани вобастагӣ аз воридоти баъзе намудҳои мол ва афзоиши имкониятҳои содиротӣ дар Тоҷикистон тавассути бахши соҳибкории истеҳсолӣ имкопазир мегардад.

Бояд иброз намуд, ки масъалаи таҳияи низоми афзалиятҳои рушди соҳибкории истеҳсолӣ дар иқтисодиёти миллӣ, дар асоси гурӯҳбандии бисёрсатҳии нишондиҳандаҳое, ки рушди сифатӣ ва миқдории фаъолияти соҳибкориро дар иқтисодиёти миллӣ тавсиф мекунанд, аз тарафи муаллифи рисолаи илмӣ асонок карда шудаанд. Дастоварди дигари илмии дар автореферат овардашуда дар он асос меёбад, ки субъектҳои соҳибкории истеҳсолӣ дар асоси меъёрҳои пешниҳодшуда гурӯҳбандӣ карда шуда, самтҳои афзалиятноки рушди он ҳамчун “қутбҳои институтсионалии рушд”-и иқтисодиёти миллӣ ҳамчун натиҷаи нав мушаххас шудаанд;

Дар масъалаи дигар унвонҷӯ асоси методологияи таснифи соҳаҳои саноат аз рӯйи сатҳи рушди технологӣ, ки аз ҷониби Созмони ҳамкории иқтисодӣ ва рушд (СҲИР) пешниҳод гардидааст, сохтори технологии соҳибкории истеҳсолӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистонро таҳлилу баррасӣ намуда исбот намудааст, ки қисми асосии фаъолияти соҳибкорӣ ба соҳаҳои дорои сатҳи пасти технологӣ рост омада, ҳиссаи онҳо 36,4%-ро ташкил медиҳад. Дар баробари ин, ҳиссаи соҳаҳои миёнаи технологии сатҳи баланд 2,6% ва соҳаҳои миёнаи технологии сатҳи паст 21,9%-ро ташкил медиҳанд. Натиҷаҳои таҳлил зарурати таҳияи тадбирҳои иловагии ҳавасмандгардонӣ ва дастгирии давлатии субъектҳои соҳибкориро ҷиҳати гузариш ба фаъолияти истеҳсолии технологӣ ва афзоиши ҳиссаи соҳаҳои миёнаи технологӣ нишон медиҳанд, ки метавонад барои баланд бардоштани рақобатпазирии маҳсулоти ватанӣ, густариши иқтидори содиротӣ ва таҳкими мавқеи Тоҷикистон дар бозорҳои дохилӣ ва хориҷӣ замина фароҳам оварад, ки ин масъалаҳо пурра аз тарафи докторант роҳи ҳалли худро ёфтаанд.

Дар илова ба ҳамаи ин метавон гуфт, ки таҳқиқоти анҷомшудаи докторант як таҳқиқоти мукаммал буда, дар он тамоми масъалаҳои ба рушди соҳибкории истеҳсолӣ ва инноватсионӣ хос роҳи ҳалли худро ёфта, дар ин самт пешниҳодҳои ҳадафманд карда шудаанд. Дар илова ба ҳамаи дастоварду муваффақиятҳо, агар муаллифи рисола ба баъзе масъалаҳои мавриди назар таваҷҷуҳ зоҳир менамуд, моҳияти илмии рисолаи докторӣ боз ҳам беҳтар мегардид:

1. Дар шароити ҷаҳонишавии умумӣ агар муаллиф дар параграфҳои алоҳидаи рисола сатҳи осебпазирии бахши соҳибкориро дар ин раванд баррасӣ менамуд, таҳқиқот дигаргун мегардид.

2. Дар матни автореферат баъзе норасогиҳои стилистикӣ ва ба истилоҳ техникӣ ба назар мерасанд, ки агарчи ба кори диссертант халалӣ ҷиддӣ ворид насозанд, ислоҳи онҳо омили боз ҳам комилтар гаштани кор мегарданд.

Дар умум чунин норасоиҳо ба сифати илмии рисола таъсир намерасонанд ва дар сурати ба онҳо таваҷҷуҳ зоҳир намудан таҳқиқот дигаргун мегардид.

Дар хулоса ҳаминро қайд кардан зарур аст, ки диссертатсияи тақризшаванда дар мавзуи «Самтҳои афзалиятноки рушди соҳибкории истеҳсолӣ дар иқтисоди муосири Тоҷикистон» аз рӯйи натиҷаҳои илмӣ ва амалии худ ҷавобгӯйи талаботи бандҳои 31 ва 33–и «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 августи соли 2026, №591, тасдиқ шудааст, мебошад. Аз ҳамин хотир, қайд менамоем, ки Субҳонзода Икром Субҳон ба соҳиб гаштани дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.06 – Иқтисодиёт ва идоракунӣ тибқи самтҳои фаъолият (08.00.06.06 – Иқтисоди соҳибкорӣ) сазовор мебошад.

Тақризиҳанда:
Доктори илмҳои иқтисодӣ,
ректори Муассисаи давлатии
таълимии «Донишгоҳи
давлатии Данғара» Хайрзода Шукрулло Қурбоналӣ

Имзои Хайрзода Ш.Қ.-ро тасдиқ мекунам.

Сардори шуъбаи кадрҳо ва
корҳои махсуси Муассисаи давлатии
таълимии «Донишгоҳи
давлатии Данғара» Тоирзода С.Т.

ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
ШУЪБАИ КАДРҲО
ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ДАНҒАРА

Суроға: 735320, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
Вилояти Хатлон,ноҳияи Данғара, кӯчаи Марказӣ 25
Телефон: (+992) 987346000
E-mail: dddangara_2013@mail.ru

«_____»_____соли 2026